# Модули 2: Амалиётҳои амонатӣ




Номзади илмҳои иқтисодӣ, сармутахассиси шуъбаи методология ва таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон Мамадалиев Ф.С.

# Мундаричаи семинар

1. Амалиёти депозитии ташкилотҳои қарзӣ

2. Сабабҳои ташаккулёбии пасандозҳо

3. Асосҳои ҳуқуқии шартномаи пасандозӣ (амонат

4. Шаклҳои пасандоз

- Амонатҳои дархостшаванда
- Амонатҳои мӯҳлатнок
- Амонатҳои пасандозӣ
- Андухтҳои доимӣ

Машварат

Вазифа-машқ






uspeh-woman.com
ТАНҲО ЯК ХУҶАИН ҲАСТ – МУШТАРӢ. ВА ОН МЕТАВОНАД ҲАМАРО АЗ ШИРКАТ ОЗОД НАМОЯД. АЗ РОҲБАРИ ОН САР КАРДА. ТАВАССУТИ ХАРҶ НАМУДАНИ ПУЛҲОИ ХУД ДАР ДИГАР ҶОЙ
СЭМ УОЛТОН

# 1. Амалиёти депозитии ташкилотҳои қарзӣ



Kreissparkasse
Heilbronn

# Амалиётҳои пасандозии ташкилотҳои қарзӣ сарчашмаи асосии ташаккулёбии базаи захиравии онҳо ба ҳисоб меравад



# Объекти амалиётҳои пасандозӣ

**Объекти амалиётҳои пасандозӣ -** пасандозҳо (амонатҳо) ба ҳисоб мераванд.








# Субъекти амалиётҳои пасандозӣ



Бонкҳои тиҷоратӣ



Шахсони воқеӣ




Муассисаҳои ғайрибонкии молиявӣ



Соҳибкорони инфиродӣ



Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ

# 2. Сабабҳои ташаккулёбии пасандозҳо



## Воситаҳои андухтшуда ҳам барои ҳар як инсон ва ҳам дар маҷмӯъ барои ҷамъият зарур аст.

# САБАБҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ПАСАНДОЗҲО

| Барои мизоҷ | Барои ташкилоти қарзӣ | Барои хоҷагии халқ |
| --- | --- | --- |
| Барои ҷудо намудани қисми даромадҳои худ сабабҳои гуногун вуҷуд доранд (мисол, музди меҳнат ё маош) | Ташкилотҳои қарзӣ воситаҳои молиявиро ҷалб менамоянд >> сарчашмаи асосии молиякунонӣ | Пасандоз ҳамчун молиякунонии маблағгузорӣ хизмат мекунад |
| **Ангезаҳои шахсии андухти воситаҳо** | **Қарздиҳӣ** | **Рушд ва тараққиёти хоҷагии халқ** |

**Андухти воситаҳо ба ҷамъшавии воситаҳои пулӣ / афзоиши сармоя ва барои ноил шудан ба мақсадҳои гуногун хизмат мекунад.**

## АҲАМИЯТИ АНДУХТИ ВОСИТАҲО БАРОИ МИЗОҶ

- Барои таълими кӯдакон



- Барои сайёҳӣ






- Барои хариди молҳои гаронбаҳо

- Барои хароҷотҳои ҳолатҳои ғайричашмдошт: мисол барои таъмир




- Барои дастгирӣ дар нафақа



- Барои хариди манзил



- Андухти воситаҳо бо фоиз барои зиёдкунии сармоя





**Ташаккули пасандозҳо маънои онро дорад, ки шахс як қисми даромади худро барои истифода дар оянда андухт мекунад.**

## САБАБҲОИ ПАҲНШУДАТАРИНИ АНДУХТИ ВОСИТАҲО ДАР ОЛМОН




Якчанд варианти ҷавоб иҷозат дода шудааст. Манбаъ: Ассотсиатсияи кассаҳои пасандозгузорию сохтмонии тиҷоратии Олмон

Донистани ангезаҳои ташаккули пасандозҳои мизоҷон, барои машваратчии бонкӣ ниҳоят зарур аст. Танҳо ҳамин хел бо усули мақсаднок имконияти хоҳишоти мизоҷонро муайян кардан аст.

# Ба рафтори амонатгузорон на танҳо таъқиби мақсадҳои шахсӣ таъсир мекунанд.

## ДИГАР ОМИЛҲОЕ, КИ БА РАФТОРИ АМОНАТГУЗОРОН ТАЪСИР МЕКУНАНД




| | |
|---|---|
| 1 | Таваррум, устувории асъор |
| 2 | Низоми суғуртакунонии амонатҳо |
| 3 | Чораҳои давлатӣ оид ба ҳавасмандкунии пасандозҳо |
| 4 | Сатҳи баланди даромад ва маълумотнокӣ |

**Маблағҳои дар амонатҳои пасандозӣ буда, метавонанд ба қарздиҳии дарозмуддат равона карда шаванд.**

## АҲАМИЯТИ АМОНАТҲОИ ПАСАНДОЗӢ БАРОИ БОНК

- Сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ тақрибан ҳамагӣ аз 5% то 10%-и ҳаҷми тавозуни умумиро ташкил медиҳад.
- Аз ин рӯ, сармояи ҷалбшуда ва махсусан амонатҳои мизоҷон, манбаи муҳимтарини маблағгузории бонкҳо мебошад.
- Дар аксари бонкҳо қисми калонтарини сармояи ҷалбшударо амонатҳои мизоҷон ташкил медиҳанд ва аз инҳо иборатанд:
  - амонатҳои дархостшаванда,
  - амонатҳои мӯҳлатнок,
  - амонатҳо пасандозӣ.
- Амонатҳо аз тарафи аҳолӣ, корхонаҳо, маъмурияти шаҳрӣ ва дигар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ гузошта мешаванд.

# Байни пасандозҳо ва маблағгузориҳо муносибати наздик вуҷуд дорад.

## АҲАМИЯТИ ПАСАНДОЗҲО ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ



Даромадҳои аҳолӣ – хароҷотҳои истеъмолӣ
= пасандозҳои хусусӣ ва давлатӣ

= воситаҳои пулӣ: дар ихтиёри бонк барои қарздиҳӣ қарор доранд
(мисол, барои молиякунонии маблағгузорӣ)

Маблағгузорӣ барои ҷубронпулии сармояи асосӣ

Маблағгузории соф
(сармояи истеҳсолиро баланд мебардоранд)

Рушди умумии иқтисодиёт, зиёдшавии шуғл



Kreissparkasse
Heilbronn

# Квотаҳои пасандозӣ

$$\ddot{r}_i = G \sum_{\substack{j=1 \\ j \neq i}}^{N} M_j \frac{r_j - r_i}{\left| r_j - r_i \right|^3}$$

**Квотаи пасандозгузорӣ имконият медиҳад, ки сатҳи (баланд ё паст) пасандозҳоро дар иқтисодиёти миллӣ муайян намоед .**

# КВОТАИ ПАСАНДОЗИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ МАМЛАКАТ

**Квотаи пасандозии хоҷагии халқ** = $\dfrac{\text{Ҳаҷми умумии пасандозҳо: } S = Y - C}{\text{Даромади умумии хоҷагии халқ: } Y}$

**S = Пасандоз:** Пасандозҳои аҳолӣ, корхонаҳо ва буҷет

**Y = ММД:** Маҷмӯи маҳсулоти дохила = Арзиши умумии ҳамаи молҳо ва хизматҳое, ки дар муддати як сол дар хоҷагии халқи мамлакат истеҳсол шудааст .

**C = Истеъмолот:** Истеъмолоти хусусӣ = Молҳо ва хизматҳое, аз тарафи хоҷагиҳои хусусӣ истеъмол мешаванд + истеъмолоти давлатӣ = харочотҳои буҷет (давлат ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ): мисол барои нигоҳдории мактабҳо, тандурустӣ, таъмини иҷтимоии аҳолӣ, сиёсат, фарҳанг, вазифаҳои маъмурӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, таҳқиқотҳои илмӣ ва лоиҳакашӣ, инфрасохтор.

# Пасандозҳои хусусӣ иқтидори муҳими тараққиёти умумии иқтисодиёт мамлакат мебошад.

## КВОТАИ МИЁНАИ ПАСАНДОЗӢ

Квотаи миёнаи пасандозӣ = (**Даромади софи хоҷагиҳо *** - **истеъмолоти хоҷагиҳо**) / **Даромади соф***




*Даромади соф: Даромад тарҳи андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ

- Квотаи пасандозӣ бо зиёдшавии даромад афзоиш меёбад.
- Чи қадаре, ки квотаи миёнаи пасандозӣ зиёд аст, ҳамон қадар сармояи пулӣ зиёд мешавад.

# Аҳолии кишварҳои гуногун ба пасандозҳо ҳар гуна муносибат мекунанд.

## КВОТАИ МИЁНАИ ПАСАНДОЗИИ КИШВАРҲОИ ГУНОГУН




Сарчашма: Хазинаи байналхалқии асъор

Kreissparkasse Heilbronn

# 3. Асосҳои ҳуқуқии шартномаи амонатӣ



# Шартномаи амонатӣ бо гузоштани амонат ва додани шартнома амалӣ мешавад

## ИҶРОИ ШАРТНОМАИ АМОНАТӢ




Амонатгузор ба бонк амонатро барои истифода медиҳад.
Дар навбати худ, ташкилоти қарзӣ уҳдадорӣ мегирад, ки пардохти фоизҳо ва бозгашти амонатҳоро бо дархости мизоҷ дар анҷоми мӯҳлат, бармегардонад.

**Дар вақти кушодани ҳисоб, ҳамаи маълумотҳои муҳим ба инобат гирифта мешаванд**

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ ШАРТНОМАИ АМОНАТӢ

- Ҳамуди ҳисоб
  - Ҳисоби пасандозӣ ё мӯҳлатнок
  - Ҳисоби ҷудогона ё ҳамҷоя
- Рақами ҳисоб ва ҳисоби асъор
- Маълумотҳои ҳуҷҷатӣ, ки шахсиятро муайян мекунанд
- Ном, суроға ва санаи таваллуди муштарӣ
- Танзими салоҳият, ки бо ҳисоба лоқаманд аст
- Имзоҳо



Ба ҳеҷ кас иҷозат нест, ки бо истифода аз номи нодуруст ва ё сохта ба худ ва ё ба шахси сеюм ҳисоб кушоянд, қайдҳои муҳосибиро гузаронанд, ё чизҳои арзишнокро барои нигаҳдорӣ қабул кунанд ё барои амонат диҳанд, ё сейфи кирояро ба ихтиёри худ гиранд.

⇒ Ҳимояи мизоҷон (манфиатҳои мизоҷон)
⇒ Ҳимояи бонк (манфиатҳои шахсӣ)

# Соҳибони ҳисоб метавонанд як ё якчанд шахс бошанд

## НАМУДИ ҲИСОБҲО





ё



Як шахс

Ҳисоби ҷудогона

Ду шахс

Якчанд шахс

Ҳисоби ҳамҷоя

Ҳисоб дар ихтиёри коллектив

Ё ҳисоб дар ихтиёри як шахс

# 4. Шакли пасандозҳо



# Барои ҳар як нияти андӯхткунӣ, шакли пасандоз вуҷуд дорад

## ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ПАСАНДОЗ ДАР ТОҶИКИСТОН




**Шаклҳои пасандоз**

Амонатҳои пасандозӣ
- мӯҳлати номаҳдуди амонат;
- меъёри фоизи тағйирёбанда.

Амонатҳои мӯҳлатнок
- мӯҳлати устувори ҷойгиркунӣ;
- меъёри фоизи устувор.

Амонатҳои дархостшаванда*
- бемӯҳлат
- барои амалӣ намудани амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ пешбинӣ шудааст

**Амонатҳои пуршаванда**

Имкон аст (қариб) дар ҳама гуна шакли амонат



# Қисми амонатҳои дархостшаванда дар ҳисобҳо боқӣ монда, метавонад ҳамчун қарзҳои дарозмуддат дода шавад

## НАЗАРИЯИ БАҚИЯ

Дар асоси «қоидаи тиллоии бонкӣ» амонатҳои дархостшаванда метавонанд ҳамчун қарз дода шаванд, ки он асосан танҳо барои амалиётҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ, бо мақсади дастрасии ҳамавақтаи мизоҷон ба ин пулҳо мебошад.

**Вале як қисми амонатҳои дархостшаванда дар ҳисобҳо боқӣ мемонад ва дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат дар ихтиёр ҳастанд.**

**Захираҳои бозоргир:**

- На ҳамаи мизоҷон маблағҳои умумии дар ҳисоб мавҷудбударо, ихтиёрдорӣ мекунанд
- Нигоҳдории захираҳои пулӣ

**Бе берунравии воситаҳо:**

- Гузаронидани сабти ҳисоб аз як ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ба дигар ҳисоб дар дохили бонк

**Ҷубронпулӣ:**

- Пардохтҳои амонатҳои дархостшаванда боз бо пардохтҳои мизоҷони дигар рӯйпуш карда мешаванд

# Амонатҳои дархостшаванда низ барои ҷалб намудани маблағҳо барои додани қарзҳо хизмат мекунанд

## Назарияи бақия






Қарзҳо ба мизоҷон

# Гурӯҳбандии пасандозҳои дархостшаванда



# Амонатҳои мӯҳлатнок



# Амонатҳои мӯҳлатнок (депозит), амонатҳо пурнашаванда мебошанд, ки ба як даври муайян гузошта мешаванд

## ХУСУСИЯТҲО

- Амонати мӯҳлатнок мӯҳлати аниқи муайян дорад.
- Ба ҳамаи мӯҳлати амонат меъёри фоизи устувор муайян шудааст .
- Мӯҳлати амонатҳо аз як моҳ то 3-5 солро ташкил медиҳанд.
  Чӣ қадар мӯҳлати амонат дароз бошад, ҳамон қадар фоиз он баланд мешавад.
- Аксар вақт Меъёри фоизӣ низ аз андозаи амонат вобастагӣ дорад.
- Фоизҳои ҳисобшуда дар анҷоми мӯҳлати шартнома ё дар мӯҳлати нигоҳдории беш аз як сол, дар охири ҳар сол, ё ҳармоҳа дар ҳисоби амонатӣ (капитализатсия) ё дар ҳисоби фоизӣ ҷудо карда мешаванд.

**Амонати мӯҳлатнок амалиёте мебошад, ки барои ҷойгиркунии маблағҳое, ки амонатгузор дар мӯҳлати муайяни вақт истифода намебарад, муқаррар шудааст**

# Ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ метавонанд амонати мӯҳлатнок кушоянд

## ХУСУСИЯТҲО

- Амонати мӯҳлатнок аксаран, ҳадди ақали маблағи муайяни амонатиро талаб мекунад.
- Чун қоида, то анҷомёбии мӯҳлати амонат, шумо наметавонед маблағи гузоштаатонро ихтиёрдорӣ намоед.
- Амонати мӯҳлатнок қуллай аст, агар дар ҳолатҳое, ки мизоҷ алакай пешакӣ донад, ки дар кадом мӯҳлати муайян, маблағҳои ҷойгиршуда ба ӯ зарур намеоянд.
- Шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт барои ҷойгир намудани маблағҳои муваққатан озоди худ, депозитҳоро ба мӯҳлати кӯтоҳ мекушоянд.
- Шахсоне воқеӣ амонатҳои мӯҳлатнокро ба ҷои амонатҳои пасандозӣ мекушоянд, ки он нисбатан фоизҳои баландтарро медиҳад.

## Шахсони ҳуқуқӣ депозитҳоро барои кӯтоҳмуддат ҷойгир намудани маблағҳои муваққатан озоди худ истифода мебаранд

# ПЕШНИҲОДИ КАССАИ ПАСАНДОЗГУЗОРИИ ХАЙЛБРОН

| | КПМ* Хайлброн | КПМ Бёблинген | КПМ Людвигсбург | КПМ Вайблинген | КП Крайхтау |
|---|---|---|---|---|---|
| Депозит ба мӯҳлати то 30 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,05** | 0,11 | | 0,10 | 0,05 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,05** | 0,11 | | 0,10 | 0,10 |
| Депозит ба мӯҳлати то 60 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,08** | 0,11 | | 0,15 | 0,10 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,08** | 0,11 | | 0,20 | 0,15 |
| Депозит ба мӯҳлати то 90 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,10** | 0,11 | 0,15 | 0,15 | 0,15 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,10** | 0,11 | 0,15 | 0,20 | 0,20 |
| Депозит ба мӯҳлати то 120 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,15** | 0,21 | | 0,15 | 0,15 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,15** | 0,21 | | 0,20 | 0,20 |
| Депозит ба мӯҳлати то 150 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,20** | 0,21 | | 0,15 | 0,15 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,20** | 0,21 | | 0,20 | 0,20 |
| Депозит ба мӯҳлати то 180 рӯз | | | | | |
| то 50 ҳаз. евро | **0,25** | 0,21 | 0,15 | 0,15 | 0,30 |
| зиёда аз 50 ҳаз. евро | **0,25** | 0,21 | 0,15 | 0,20 | 0,35 |

***КПМ - Кассаи пасандозгузории минтақавӣ**

- Дар рӯзи анҷомёбии мӯҳлати депозит, бонк бояд маблағи депозитиро ба ҳисоби бонкии аз тарафи мизоҷ муайяншуда, гузаронад (аз рӯи қоида, ба ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ).
- Барои содда кардани раванди кори мизоҷ ва бонк, амонатҳо бештар тамдид мешаванд = мӯҳлати амонат бо тарзи автоматӣ тамдид карда мешавад.
- Маблағи ҳадди ақали амонат муайян шудааст (дар Олмон, чун қоида: 5000 евро).

# Амонатҳои мухлатнок қисмати муҳими амалиётҳои пассивии бонк мебошад

## МАЗМУНИ АМОНАТҲОИ МУҲЛАТНОК

**Барои мизоҷон:**

- Ҷойгиркунии маблағҳо ба мухлати муайян
- Фоизи нисбатан баландтар муқоиса ба амонатҳои пасандозӣ
- Мавҷуд набудани хавфи фоизӣ
- Намуди боэътимоди пасандоз



**Барои ташкилотҳои қарзӣ:**

- Ҷалбнамоии маблағ барои мақсадҳои сармоягузории кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлати бонк
- Заминаи бетағйири ҳисобӣ бо сабаби меъёри фоизии устувор
- Мавҷуд набудани хавфи пардохтпазирӣ бо сабаби маҳдуд будани ихтиёрдории захираҳо
- Нисбати амонати пасандозӣ маҳсулоти на он қадар меҳнаталаб мебошад

# Ҳисобнамоии фоизҳо

## ФОИЗҲОИ ГИРИФТАШУДА

**Z** (фоизҳои ҷамъшуда) = $\dfrac{\text{Сармоя (K) x Рӯз (t) x Меъёри фоизӣ (p)}}{100 \times 360}$

**К 10.000 сомонӣ барои 9 моҳ бо фоизи 2,40% ҳамчун амонати мӯҳлатнок ҳисоб карда мешавад.**
**Маблағи фоизҳои ҷамъшуда чӣ қадар аст?**

**Натиҷа: 180 сомонӣ**

# Ҳисобнамоии фоизҳо

## МЕЪЁРИ ФОИЗӢ

$$p \text{ (меъёри фоизӣ)} = \frac{Z \times 100 \times 360}{K \times t}$$

**Барои 2.500 сомонӣ амонат барои давомнокии муҳлати 120 рӯз, ба мизоҷ дар бораи фоизҳои ҷамъшуда ба маблағи 12,50 сомонӣ ҳисобнома равона карда мешавад.**
**Маблағи меъёри фоизӣ чӣ қадар аст?**

**Натиҷа: 1,50%**

# Ҳисобнамоии фоизҳо

## САРМОЯ

$$K_{\text{(Сармоя)}} = \frac{Z \times 100 \times 360}{p \times t}$$

**Бо давомнокии муҳлати амонат дар мудати се моҳ ва бо меъёри фоизии 2%, ба мизоҷ дар бораи фоизҳои ҷамъшуда ба маблағи 196 сомонӣ ҳисобнома равона карда мешавад.**
**Маблағи сармоя чӣ қадар аст?**

**Натиҷа: 39.200 сомони**

# Ҳисобнамоии фоизҳо

## ДАВОМНОКИИ МУҲЛАТИ АМОНАТ

$$t_{(\text{рӯз})} = \frac{Z \times 100 \times 360}{p \times K}$$

**Бо меъёри фоизи 4% барои 1.500 сомонӣ ба мизоҷ дар бораи фоизҳои ҷамъшуда ба маблағи 12,5 сомонӣ ҳисобнома равона карда мешавад. Кай маблағ ба амонат гузошта шудааст?**

**Натиҷа: 75 рӯз**

# Ҳисобнамоии фоизҳо

## Машғулиятҳои вазифавӣ

- **Ба амонатгузор барои сармояи худ дар ҳаҷми 42.500 сомонӣ бо меъёри фоизи 6,5%, ҳисобнома дар барои фоизҳои ҷамъшуда ба маблағи 552,50 сомонӣ равона карда мешавад.** Кай маблағ ба амонат гузошта шудааст.
  - **72 рӯз**

- **Амонат ба маблағи 22.500 сомонӣ бо меъёри фоизи 7,5% гузошта шудааст. Маблағи даромад аз фоиз пас аз 9 моҳу 10 рӯз чӣ қадар аст?**
  - **1.312,50 TJS**

- **Бахром сармояро ба ним сол бо меъёри 6%-и солона гузошт. Фоизи ҷамъшудаи ӯ ба 1325,24 сомонӣ буда, ӯ 45,500 сомонӣ бигирад пас, маблағи сармояи вай чӣ қадар буд?**
  - **44.174,76 TJS**

- **Нурулло ҳисоби муҳлатнок кушода, 13.750 сомонӣ ба он маблағ мегузорад. Баъди як сол вай 15.331,25 сомонӣ аз ҳисобаш мегирад. Меъёри фоизи ӯ чӣ қадар буд?**
  - **11,50%**

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## Формулаи фоизҳои мураккаб

**Сармояи аввалияи K(0) дар n- сол ҳангоми ҳисоб намудани фоизҳо ба p% нисбат ба сармояи охир K(n) зиёд мешавад:**

$$K(n) = K(0) \times q^{n} \qquad q = \left(1+\frac{p}{100}\right)$$

# Фоизҳои дар охири сол ҳисобнашуда дар солҳои оянда илова мешаванд

## МИСОЛ БАРОИ ВУРУД

| | |
|---|---|
| Сармояи аввалия K(0) = 4.000 сомониро ташкил медиҳад.<br>Дар охири соли 1-ум сармоя ба маблағи фоизҳои соли 1-ум зиёд шуд. | K(0)= 4.000<br>K(1)= K(0)+ K(0) x0,05<br>K(1)= 4.000+(4.000 x 0,05)<br>K(1)= 4.000 x (1+0,05) = 4.000 x 1,05 |
| Дар охири соли 2-юм ба сармояи K(1) фоизҳои солонаи соли 2-юм илова мешаванд. | K(2)= K(1)+K(1)x0,05<br>K(2)=(4.000x1,05)+(4.000x1,05)x0,05<br>K(2)=4.000x1,05x(1+0,05)=4.000x1,05x1,05<br>K(2)=4.000x$1,05^2$ |
| Дар охири соли 3-юм боз ба K(2) 5% илова мешавад. | K(3)= K(2)+K(2)x0,05<br>K(3)=$(4.000x1,05)^2$+$(4.000x1,05)^2$x0,05<br>K(3)=(4.000x$1,05^2$)x(1+0,05)=$(4.000x1,05)^2$x1,05<br>K(3)=4.000x$1,05^3$ |
| Активҳои ҷамъбастии охири соли 4-ум аз маблағи K(3) ва фоизҳои K(3) иборат аст. | K(4)= K(3)+K(3)x0,05<br>K(4)=4.000x$1,05^3$+4.000x$1,05^3$x0,05<br>K(4)=4.000x$1,05^3$x(1+0,05)=4.000x$1,05^3$x1,05<br>K(4)=4.000x$1,05^4$ = 4.862,03 |

Kreissparkasse Heilbronn

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## ҲИСОБКУНИИ САРМОЯИ ОХИР

Начальный капитал: K(0)= 10.000
Процентная ставка: p = 6,50%
Срок действия: n = 8 лет

$K(n) = K(0) \times q^n$ , $q = 1 + \frac{p}{100}$
q= 1,065
$K(8) = 10.000 \times 1,065^8$

**= 16.549,96**

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## ҲИСОБКУНИИ САРМОЯИ АВВАЛИЯ

Барои хариди мошин пас аз 5 сол 20,000 сомонӣ зарур аст. Чӣ қадар маблағро бо меъёри фоизи 7% ба амонат гузоштан лозим аст?

$K(n) = K(0) \times q^n$

**Формулаи ивазшуда**

$\frac{K(n)}{q^n} = K(0)$ mit $q = 1 + \frac{p}{100}$

$K(0) = \frac{K(n)}{q^n}$

$q = 1 + \frac{7}{100} = 1{,}07$

$n = 5$

$K(5) = \frac{20.000}{1{,}07^5}$

**= 14.259,72**

Kreissparkasse
Heilbronn

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРИ ФОИЗӢ

Ба кадом меъёри фоизӣ бояд 3.325,29 сомониро ба муддати 7 сол гузорем, ки дар охири соли 7-ум дар ихтиёрамон 5.000 сомонӣ бимонад.

$K(n) = K(0) \times q^n$

**Формулаи ивазшуда**

$$p = 100 \times \left(\sqrt[n]{\frac{K(n)}{K(0)}} - 1\right)$$

$$p = 100 \times \left(\sqrt[n]{\frac{K(n)}{K(0)}} - 1\right)$$

n = 7

K(0)= 3.325,29

K(7)= 5.000

**P = 6%**

Kreissparkasse Heilbronn

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## ҲИСОБКУНИИ МУҲЛАТИ АМОНАТ

**Ба кадом муҳлат бояд маблағи 6.808,24 сомони бо 6,5% гузошта шавад, то ки вай то 12.000 зиёд шавад?**

$K(n) = K(0) \times q^n$

**Ивазшавии формула**

$$n = \frac{\log \frac{K(n)}{K(0)}}{\log q}$$

$$n = \frac{\log \frac{K(n)}{K(0)}}{\log q}$$

K(0)= 6.808,24
K(n)= 12.000
q = 1,065

$$n = \frac{\log \frac{12000}{6808{,}24}}{\log 1{,}065}$$

**n = 9**

## Дар давоми сол якчанд маротиба зам намудани фоизҳои ҷамъшуда, ба пайдоиши фоизи мураккаб тааллуқ дорад

ФОРМУЛАИ ФОСИЛАВИИ ФОИЗҲОИ ҲИСОБШУДА

**Агар сол аз m давраҳои фоизӣ иборат бошад, сармояи аввалияи K(0) баъди n- сол ҳангоми ҳисоб намудани фоизҳо ба p% нисбат ба сармояи охир зиёд мешавад:**

$$K(n) = K(0) \times q^{n*m} \qquad q = \left(1+\frac{p/m}{100}\right)$$

Kreissparkasse
Heilbronn

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб дар замкунии фосилавии фоизҳо

## ҲИСОБКУНИИ ФОИЗҲОИ ОХИР

**Сармояи аввалия: K(0)= 25.000 сомонӣ**
**Муҳлати амалкунӣ (n) = 1 сол**
**Пардохти фоизҳо (m) = барои 3 моҳ**
**Меъёри фоизӣ: p = 1,50%**

**=25.377,11 сомонӣ**

# Ҳисобкунии фоизҳои мураккаб

## ВАЗИФА/МАШҒУЛИЯТ

- Ба кадом андоза маблағҳои амонатҳои зерин зиёд мешаванд:
  - 1.800 бо 5% баъди 10 сол — **2.932,01**
  - 6.000 бо 6,5% баъди 15 сол — **15.431,05**
  - 25.000 бо 4% баъди 6 сол — **31.632,98**

- Аз 4.000 сомонӣ бо меъёри 5%, амонатҳое, ки аз 01.04.2010 то 31.3.2016 чӣ қадар фоиз меоранд?
  - **1.360,38 TJS**

- Падар мехоҳад, ки ба писараш «m» 31.12.2020 сол маблағ ба андозаи 30.000 сомонӣ туҳфа намояд. Кадом маблағро ӯ бояд дар санаи 01.01.2006 бо маблағи муайяншудаи фоизи ҳисобшудаи 5,5% гузорад, ки ба мақсадаш бирасад.
  - **13.437,99 TJS**

# Китобчаи пасандозӣ – амонатҳои пасандозӣ



# Шакли анъанавии пасандоз ин китобчаи пасандозӣ мебошад

## МОҲИЯТИ АМОНАТҲОИ ПАСАНДОЗӢ

- **Мухлати амалии амонати пасандозӣ, маҳдуд карда нашуданд.**
- **Хусусияти хоси амонат, ин бақайдгирии ҳуҷҷати махсус мебошад**

  **(Дар бештари ҳолатҳо: китобчаи пасандозӣ ).**
- **Гузаронидани пардохтҳо аз ҳисоби маблағҳои дар амонат ҷойгирбуда, пешбинӣ нашудааст.**
- **Танҳо ба гурӯҳои муайяни амонатгузорон - шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ пайваст нестанд (кушодани амонати пасандозӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ манъ аст) дастрас мебошад.**
- **Мӯҳлати огоҳии пешакии бонк дар бораи бозхонди дарпешистодаи воситаҳо, аз шартҳои шартномаи ҳисоби пасандозӣ (аз 1 то 3 моҳ) вобастагӣ дорад.**

**Мақсади асосии амонатҳои пасандозӣ ин андухти воситаҳо ё нигоҳдории сармоя бо фоиз мебошад.**

# Барои ҳар як амонати пасандозӣ, ҳатмӣ ҳуҷҷати махсуси номӣ ба расмият дароварда мешавад:

## ҲУҶҶАТИ РАСМИИ ТАСДИҚКУНАНДАИ КУШОДА ШУДАНИ АМОНАТИ ПАСАНДОЗӢ




| Unterschrift |  | Datum | Text | Lauf-Nr./ Buchungsdatum |  | Konto-Nr. | Abgang/Zugang |  | Guthaben EUR |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
|  | 0317 | 08.06.05 | GUTSCH | 08.06.05 | 1 | 3200285433 | *****1.300,00+ | EUR | *****1.300,00 |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS05 | 30.12.05 | 2 | 3200285433 | ********3,74+ | EUR |  |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS06 | 29.12.06 | 3 | 3200285433 | ********6,51+ | EUR |  |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS07 | 28.12.07 | 4 | 3200285433 | ********8,35+ | EUR |  |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS08 | 30.12.08 | 5 | 3200285433 | *******10,76+ | EUR |  |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS09 | 30.12.09 | 6 | 3200285433 | ********7,57+ | EUR |  |
|  | 4036 | 12.07.11 | ZINS10 | 30.12.10 | 7 | 3200285433 | ********6,68+ | EUR | *****1.343,61 |




Китобчаи пасандозӣ




Китобчаи пасандозӣ бо муқова ва варақаҳои иловагӣ

# Ҳуҷҷати амонати пасандозӣ вазифаҳои гуногун дорад:

## Шарҳ

### Вазифаи делелӣ

- мавҷудияти амонати пасандозиро исбот мекунад

### Ӯҳдадории қарзӣ

- Ташкилотҳои молиявиро оид ба бозгашти дороиҳо ӯҳдадор мекунад (меъёри ҳисобкунии он ин ҳолати ҳисоб мебошад, ки дар системаи коркарди электронии маълумот мавҷуд аст?).
- Барои пардохт китобчаи пасандозиро пешниҳод намудан зарур аст

### Ҳуҷҷати маҳдудшудаи тасдиққунандаи шахсият

- Ба бонк иҷозат аст, ки ҳар касе, ки китобчаи пасандозиро пешниҳод менамояд, маблағи онро пардохт намоянд, аммо:
  - дар амонатҳои пасандозие, ки муҳлати 3-моҳаи қатъи шартномаро доранд то даромад ва андозбандӣ шуданашон (дар Олмон 2 ҳазор евро.)
  - пӯшидани маблағ
  - илова бар ин, Аммо, танҳо ваколатдор (дорандаи ҳисоб ваколатдор)

### Вазифаи иттилоотӣ /тарғиботӣ

- дар бораи вазъи ҳисоби иттилоот медиҳад
- китобчаи пасандозӣ барои рекламаи бонк, инчунин барои тарғиби пасандозҳо дар маҷмӯъ мувофиқ аст.

**Фоизҳои амонатҳо аз рӯи усули молиявию риёзӣ бо дар назардошти, қайдҳои ҳисобии ҷудогона ҳисоби карда мешавад.**

## ФОРМУЛАИ ҲИСОБНАМОИИ ФОИЗҲО



$$\frac{k \times t \times p}{100 \times 360} = \frac{\text{сармоя} \times \text{рӯз} \times \text{меъёр}}{100 \times 360}$$

# Ҳангоми ҳисоб кардани фоизҳо, рӯзи гирифтани маблағ ба назар гирифта мешавад ва дар рӯзи баргардонидани воситаҳо ба назар гирифта намешавад

## БАҲИСОБГИРИИ МАБЛАҒ ДАР СУРАТҲИСОБИ ПАСАНДОЗӢ, БО МЕЪЁРИ 12% -И СОЛОНА ҶОЙГИРШУДА

| Амалиёт | Санаи гузарониш | Маблағ | Бақияи рӯзҳо | Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Интиқоли бақия | 01.01. | 5 000,00 | | |
| Илова намудани воситаҳо | 15.06. | 1 800,00 | | |
| | | **6 800,00** | | |
| Гирифтани воситаҳо | 11.08. | -750,00 | | |
| | | **6 050,00** | | |
| Илова намудани воситаҳо | 29.11. | 3 100,00 | | |
| | | **9 150,00** | | |
| Замкунии фоиз | 31.12. | | | |
| Бақияи воситаҳо | 31.12. | | | |

Kreissparkasse Heilbronn

# Капитализатсия фоизҳо ва бақияи воситаҳоро то ба охири сол аз рӯи ҳисоби пасандозӣ ҳисоб намоед!

Мисол

| | |
|---|---|
| • Бақияи воситаҳо ба санаи 31.12. соли гузашта: | 1.200 TJS |
| • Илова намудани воситаҳо 18.4. | 400 TJS |
| • Гирифтани воситаҳо 26.7. | - 200 TJS |
| • Илова намудани воситаҳо 21.9. | 950 TJS |

**Меъёри фоизӣ: 9 %**

# Капитализатсия фоизҳо ва бақияи воситаҳоро то ба охири сол аз рӯи ҳисоби пасандозӣ ҳисоб намоед!

## Натиҷа

| Амалиёт | Санаи гузарониш | Маблағ | Бақияи рӯзҳо | Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Гузаронид | 01.01. | 1 200,00 | | |
| Илова намуд | 18.04. | 400,00 | | |
| | | **1 600,00** | | |
| бозхонд | 26.07. | -200,00 | | |
| | | **1 400,00** | | |
| Илова намуд | 21.09. | 950,00 | | |
| | | **2350,00** | | |
| Замкунии фоиз | 31.12. | | | |
| Бақияи воситаҳо | 31.12. | | | |

# Тағйир додани меъёри фоизӣ бояд дар ҳисоби зинавии фоизҳо ба инобат гирифта шавад

ҲИСОБНАМОИИ АМОНАТИ ПАСАНДОЗӢ, МЕЪЁРИ ФОИЗИИ -15%, АЗ 1.5.-12%

| Амалиёт | Рӯзи корӣ | Маблағ | Рӯзҳо | Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи гузаронидашуда аз соли гузашта | 01.01. | 84.400,00 | | |
| Пардохт | 12.03. | 6.900,00 | | |
| | | 91.300,00 | | |
| Тағйирёбии фоиз | 01.05. | 0 | | |
| | | 91.300,00 | | |
| Дода шуд | 13.06. | -1.500,00 | | |
| | | 89.800,00 | | |
| Сабт оид ба замкунии фоизҳои зиёдшуда | 31.12. | | | |
| Активҳо | 31.12. | [illegible] | | |

# Капитализатсия фоизҳо ва бақияи воситаҳоро то ба охири сол аз рӯи ҳисоби пасандозӣ ҳисоб намоед!

## Мисол

| | |
|---|---|
| • Бақияи 31.12. соли гузашта: | 12.700 сом. |
| • Пардохт 22.4. | 2.400 сом. |
| • Пардохт 10.06. | 3.000 сом. |
| • Гирифтани пул аз ҳисоб 25.08. | - 4.100 сом. |
| • Гирифтани пул аз ҳисоб 11.11. | -1.500 сом. |

Меъёри фоизӣ 10,5 %,
аз 1.7. 9,0%

Kreissparkasse
Heilbronn

# Тағйир додани меъёри фоизӣ бояд дар ҳисоби зинавии фоизҳо ба инобат гирифта шавад

## Натиҷа

| Амалиёт | Рӯзи корӣ | Маблағ | Рӯзҳо | Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи гузаронидашуда аз соли гузашта | 01.01. | 12.700,00 | | |
| Пардохт | 22.04. | 2.400,00 | | |
| Пардохт | 10.06. | 3.000.00 | | |
| | 01.05. | 18.100,00 | | |
| Тағйирёбии фоиз | от 01.07. | 0 | | |
| | 13.06. | 18.100,00 | | |
| Дода шуд | 25.08. | -4.100,00 | | - |
| Дода шуд | 11.11. | -1.500,00 | | |
| | | 12.500,00 | | |
| Сабт оид ба замкунии фоизҳои зиёдшуда | 31.12. | | | |
| Активҳо | 31.12. | | | |

Kreissparkasse Heilbronn

**Китобчаи пасандозгузорӣ яке аз шаклҳои машҳуртарини пасандоз ба ҳисоб меравад.**




# АҲАМИЯТИ АМОНАТИ ПАСАНДОЗӢ БАРОИ МИЗОҶ

- Боэътимодӣ: истиснои хавфи қурбӣ.
- Даромаднокӣ: амонатҳои пасандозӣ даромади фоизӣ меоранд, дар он ҳоле, ки меъёри фоизии ин амонатҳо аз меъёри амонатҳои муҳлатнок пасттар ва тағйирёбанда мебошанд.
- Чандирӣ: шаклҳои гуногуни амонатҳои пасандозӣ вуҷуд доранд, аз амонатҳои пурнашаванда бо иловаи якдафъаинаи маблағ, то амонатҳои пуршаванда бо иловаи доимии ҳармоҳаи маблағ.
- Бозоргирӣ: дар ҳолати зарурии баргардиши маблағҳо, амонатҳои пасандозӣ низ дараҷаи баланди чандириро таъмин менамояд.

# Амонатҳои пасандозӣ сарчашмаи муҳими молиякунонӣ мебошад

## АҲАМИЯТИ АМОНАТҲОИ ПАСАНДОЗӢ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

- Бозтамвили қарздиҳӣ
- Манбаи даромад: маржаи фоизӣ, яъне фарқияти байни фоизҳои гирифташуда ва пардохтшуда
- Фурӯши дутарафа: имкони гузаронидани маблағҳои калон аз ҳисобҳои пасандозӣ ба дигар шаклҳои амонатҳои бештар фоиданок ё бештар дарозмуддат.




Kreissparkasse
Heilbronn

# АМОНАТҲОИ МУНТАЗАМ ПУРШАВАНДА



# Тарзи бештар чандирӣ пур намудани амонат, ин барасмиятдарории фармоиши дарозмуддат мебошад.

## АМОНАТИ БО ТАРЗИ ФАРМОИШИ ДАРОЗМУДДАТ ПУРШАВАНДА

### Амонати пуршаванда бо барасмиятдарории фармоиши дарозмуддат

Амонатгузор ба бонк супориш медиҳад, ки ҳар моҳ дар санаи қаблан мувофиқашуда, як маблағи муайяншударо аз ҳисоби ҷории ӯ ба ҳисоби пасандозиаш гузаронад.

### Амонати пуршаванда бо гузаронидани ҳармоҳаи маблағҳои зиёдатӣ дар ҳисоби ҷорӣ

Амонатгузор ба бонк супориш медиҳад, ки ҳар моҳ дар санаи муайяншуда, бо тарзи автоматӣ аз ҳисоби ҷории ӯ маблағе, ки аз бақияи муайяншуда зиёдтар аст, ба ҳисоби пасандозии ӯ гузаронида шавад.

Шумо метавонед, ки ҳама вақт фармоиши дарозмуддатро бекор намоед ва маблағи пардохтии ҳармоҳаро зиёд ё кам кунед.

# Пардохти мукофоти солона иловатан ба фоизҳо, андухти маблағҳоро боз ҳам ҷолибтар мекунад.

## ШАРТНОМА ДАР БОРАИ АМОНАТИ ПУРШАВАНДА

- Пуркунӣ ҳар моҳ гузаронида мешавад (аз рӯи қоида, маблағи ҳадди ақал муайян мешавад).
- Дар шартнома мухлати максималии ҷойгир намудани маблағҳо муайян мешавад, барои мисол, 20-сол.
- Меъёри фоизи тағйирёбанда.
- Дар шартнома, мухлати огоҳиномаи бонк оид ба бозпас гирифтани маблағҳо муайян шудааст (мисол 3 моҳ, бо имкони озодона ихтиёрдорӣ намудани як миқдор маблағи муайян).
- Дар баробари фоизҳо амонатгузор ҳар сол **мукофотпулӣ** мегирад, ки ба маблағҳои андухтшаванда ва ё ба пардохти фоизҳои сол ба сол афзоянда, ҳисоб мешавад.

**Мукофотпулӣ як омили ҳавасмандии андӯхти дарозмуддати маблағҳо мебошад.**

**Ҳар як ташкилоти қарзӣ, маҷмӯи маҳсулоти пасандозии худро пешниҳод мекунад.**

# БАРНОМАИ ПАСАНДОЗИИ КАССАИ ПАСАНДОЗГУЗОРИИ МИНТАҚАВИИ Ш. ХАЙЛБРОН




## Барномаи пасандозии кассаи пасандозгузорӣ

**Бигзор орзуҳои Шумо амалӣ шаванд!**
Зиёд намудани сармоя, хариди мошини орзудоштаи шумо, молиякунонии омӯзиши фарзандонатон – барои амалӣ шудани ҳамаи орзуҳои калон ва хурди Шумо, метавонад барномаи пасандозии кассаи пасандозгузорӣ ёрӣ расонад.

**Ҳамешагӣ бо мо бозпардохт мешавад!**
Барои ҳамеша бо мо буданатон, мо ба шумо мукофотпулии иловагӣ ва ҷолиб пардохт менамоем, ки он бо фоизҳои барои ҳар як соли иловагии муҳлати амонат пардохт мешавад. Андозаи мукофотпулӣ аз муҳлати амонат вобастагӣ дорад ва чунин андоза мешавад:

1-ум сол: 0% 5-ум сол: 8% 9-й. сол:16% 13-ум сол: 24% 17-ум сол: 32%
2-юм сол: 2% 6-ум сол: 10% 10-ум сол: 18% 14-ум сол: 26% 18-ум сол: 34%
3-юм сол: 4% 7-ум сол: 12% 11-ум сол: 20% 15-ум сол: 28% 19-ум сол: 36%
4-ум сол: 6% 8-ум сол: 14% 12-ум сол: 22% 16-ум сол: 30% 20-ум сол: 40%

# Шаклҳои зиёди (дигари) пасандозҳо вуҷуд дорад.

## ДИГАР ШАКЛҲОИ ПАСАНДОЗҲО: МИСОЛҲО

**Пасандозҳои сохтмонию манзилӣ** як комбинатсияи мақсадноки амонати пасандозӣ ва қарз мебошад. Амонатгузор метавонад қарз гирад агар ба шарте, ки ӯ пешакӣ як миқдори муайяни маблағро ҷамъ оварда бошад.

**Амонати пасандозии мақсаднок** амонати пасандозие мебошад, ки дар он муҳлати амалӣ, фоизи устувор ва пардохти доимии ҳармоҳа пешакӣ муайян шудааст. (Қисман) гирифтани маблағ пешбинӣ нашудааст. Мӯҳлати амонат аз 3 то 7 сол.

**Амонатҳои бурднок** бо он фарқ мекунад, ки амонатгузор ҳармоҳа як ё якчанд чиптаҳои лотереяро соҳиб мешавад. Қисми маблағи чипта дар ҳисоби алоҳида ҷамъ шуда, қисми дигари он ҳамчун андозаи лотерея хизмат мекунад.

**Амонатҳое, ки аз ҷониби давлат субсидияшаванда мебошанд,** мақсади андухти сармояи аҳолиро доранд, ки он бо роҳи ҳавасмандкунии пасандозҳо амалӣ мешавад. Корфармо ба номи корманд амонат мекушояд ва як қисми амонатро пардохт менамояд, давлат бошад илoватан ҳарсола то 20% -и пардохтҳои солонаро субсидия (ҳиссагузорӣ) мекунад.

# Ҳисобкунии амонатҳои пасандозӣ бо пардохти мунтазам / пуркунӣ ва замкунии солонаи фоизҳо.

## ФОРМУЛА

$$K(n) = \left\lfloor m * E + \left(\frac{E\,(12+1)}{2} * (q-1)\right)\right\rfloor * \frac{(q^n - 1)}{(q-1)}$$

E = Пардохти мунтазам
m = Шумораи пардохтҳои мунтазам дар давоми сол
q = 1 + меъёри фоизӣ дар шакли даҳӣ
n = Миқдори сол

Kreissparkasse
Heilbronn

# Ҳисобкунии амонатҳои пасандозӣ

## НАМУНАИ ҲИСОБКУНӢ

**Сармояи ниҳоии амонати пасандозии панҷсоларо бо пардохти моҳонаи 50 сомонӣ ва меъёри фоизии 3% ҳисоб намоед.**

**= 3.237,25**

## Бо пешниҳоди як қатор маҳсулоти на он қадар зиёд, мо метавонем ҳама гуна хоҳишҳои мозоҷро иҷро намоем.

# МИСОЛ: ПЕШНИҲОДИ МАҲСУЛОТҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ



# Байни мақсадҳои амонат алоқамандӣ вуҷуд дорад

## СЕКУНҶАИ СЕҲРНОКИ АМОНАТИ ПУЛӢ

**Даромаднокӣ:**
**Фоизҳо, дивидендҳо, фоидаи қурбӣ, имтиёзҳои давлатӣ**

**Боэътимодӣ:**
**Хавфи талаф дар қурб, хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ, таваррум, хавфи асъорӣ**

**Бозоргирӣ:**
**Мӯҳлати қатъ намудани шартнома, мӯҳлати амалкунӣ, гардишкунӣ**

Ҳамаи се мақсади амонат дар зариби фишори якдигар ҷойгир мебошанд.
Онҳо наметавонанд баробар муттасил бошанд ё дар як вакт ба даст оварда шаванд.


БАНК
Вохӯри бо пасандоз ба охир расид!